«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон
д.и.т., профессор Назарзода Х.Х.
_____________ «_01_» _10_ 2025

# ХУЛОСАИ

**Кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба диссертатсияи Давлатов Насимчон Сайдаҳтамович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - иқтисодиёти соҳибкорӣ.**

Диссертатсияи Давлатов Насимчон Сайдаҳтамович дар мавзуи "Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Точикистон" дар кафедраи Иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Дар давраи омодагии диссертатсияи илмии аспиранти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Давлатов Насимчон Сайдаҳтамович ба ҳайси муаллимӣ калони кафедраи Иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалӣ фаъолият менамояд .

Давлатов Насимчон Сайдаҳтамович 18 январи соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Дар соли 2006 ба факултети иқтисоди ҷаҳон ва ҳуқуқ, ҳоло муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумрук Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дохил шуда, соли 2010 аз рӯи ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст.

Шаҳодатнома аз №606 аз 01 майи соли 2024 (бо имзои ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон) дар бораи супоридани имтиҳони номзадӣ аз «Забони хориҷӣ» (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб) 20.11.2019, «Таърих ва фалсафаи илм» бо баҳои 4 (хуб) 24.12.2019, имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5(аъло) 16.01.2024 (дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон) пешниҳод гардидааст.

Роҳбари илмӣ: д.и.и., дотсент Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас

Мавзуи кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалӣ Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон муҳокима шудааст (протоколи №2 аз 30 сентябри соли 2024).

Аз натиҷаи баррасии диссертатсияи илмӣ дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» хулосаҳои зерин қабул карда шуд:

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Кори диссертатсионии Давлатов Насимчон Сайдаҳтамович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» ба проблемаи муҳим бахшида шуда, бо забони возеҳи илмӣ таълиф гардидааст.

Мақсади тадқиқот ин омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологии рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ, дастгирии рушди соҳибкорӣ ва муайянсозии махсусиятҳои ташкилӣ-институтсионалии он, муайян кардани имкониятҳо ва арзёбии натиҷаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии он, инчунин, таҳия ва пешниҳоди тавсияҳо доир ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва саҳми он дар пешрафти устувори соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ мебошад.

Иштироки шахсии унвонҷӯ дар дарёфти натиҷаҳои дар диссертатсияи илмӣ баён гардида.

Саҳми шахсии довталаб. Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст ва монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли онҳо, пешниҳод ва амалӣ намудани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва рушди онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ. Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои татқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои татқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ карда шудааст.

**Навгониҳои илмии диссертатсия** аз таҳқиқоти фарогири ҷанбаҳои назариявию амалии ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, дар натиҷа мушкилоту муаммоҳои мавҷуда мушаххас карда шудааст, ки барои мукаммалсозӣ ва бартарафсозии монеаҳои рушди соҳибкориву сармоягузорӣ дар мамлакат мусоидат менамояд. Ноилшавӣ ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва дар ин замина таъмини ҳадафҳои стратегияи миллии рушд асосҳои консептуалии диссертатсияро ташкил медиҳанд.

Натиҷаҳои асосии тақиқоти илмӣ, ки навгониҳои илмии онро инъикос менамоянд, иборат мебошанд:

✓ дар натиҷаи таҳқиқи назария ва методологияҳои мавҷуда асосҳои

назариявии ташаккул ва рушди фазои соҳибкорӣ дар системаҳои ноустувори (гузариши) иқтисодӣ рушд ёфта, моҳияти иқтисодӣ, функсияҳо ва шаклҳои асосӣ, моделҳо ва нақши соҳибкорӣ дар пешрафти бахшҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мушаххас карда шудааст.

✓ Паҳлӯҳои гуногунии методологии омӯзиши ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ такмил дода шуда, ки дар таҳлили мантиқӣ ва ҳамбастагии мақоми соҳибкорӣ дар системи иқтисодии кишварҳои гуногун, бо ҳадафи истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баён мегардад.

✓ Дар заминаи таҳлилу арзёбии муносибатҳои муосири илмӣ асосҳои консептуалии таҳқиқи фазои соҳибкорӣ муайян карда шуда, робитаи байниҳамдигарии марҳалаҳои тараққиёти низомҳои иқтисодӣ ва сатҳи рушди бахши хусусӣ нишон дода шудаанд.

✓ Махсусиятҳои ташаккул ва рушди фазои соҳибкорӣ муайян карда шуда, дар робита ба асосноккунии гурӯҳбандии рушди соҳибкорӣ мутобиқ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои мамлакат омилҳои қавӣ ва заифӣ фазои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва алгоритми вобастагии устувории рушди иқтисоди миллӣ аз рушди бахши хусусӣ таҳия карда шудааст.

✓ Тавассути таҳқиқи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, аз ҷумла бо истифода аз усули моделҳо вобастагии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз рушди соҳибкорию сармоягузорӣ нишон дода шуда, мувофиқан манфиатҳои давлат ва ҷомеа дар фароҳамсозии фазои мусоиди соҳибкорӣ мушаххас карда шудаанд.

✓ Самтҳо ва дурнамои асосии такмили фазои соҳибкорӣ илман асоснок карда шудаанд, ки ҳавасмандии давлат ба рушди бахши хусусӣ ва дар ин замина амалисозии ислоҳоти фарогир доир ба муҳайёсозии асосҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории мусоидаткунандаи рушди соҳибкорӣ ифода меёбанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Таҳқиқоти илмии мазкур ҳамчун замина барои коркардҳои назариявию методологии минбаъда оид ба таҳқиқи фазои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ метавонад хизмат намояд.

Таҳқиқоти илмии мазкур ҳамчун замина дар натиҷаи таҳқиқи назария ва методологияҳои мавҷуда асосҳои назариявии ташаккул ва рушди фазои соҳибкорӣ дар системаҳои ноустувори (гузариши) иқтисодӣ рушд ёфта, моҳияти иқтисодӣ, функсияҳо ва шаклҳои асосӣ, моделҳо ва нақши соҳибкорӣ дар пешрафти бахшҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мушаххас карда шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти илмӣ дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои илман асосношуда дар диссертатсия метавонанд дар фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ки

мақоми салоҳитдор доир ба рушди соҳибкориро ба ӯҳда дорад ва дигар сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ зимни таҳияи нақшаву барномаҳои рушди соҳибкориву сармоягузорӣ дар мамлакат ва ҳалли масъалаву мушкилоти соҳибкорону сармоягузорон васеъ истифода карда шавад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Кори диссертатсионии Давлатов Н.С., ки дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ бо бобҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти Соҳибкорӣ: 8.1 – Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; 8.4- Пешгӯии тағйироти сохтории рушди соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ; 8.6- Ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ: аз рӯйи нишонаҳои ташкилию-ҳуқуқӣ; миқёси фаъолият; намуди фаъолияти соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ,, миёнаравӣ ва ғ.); 8.8- Танзими ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 8.11- Ба нақшагирии стратегӣ ва пешгӯӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ; 8.15 – Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 8.18. – Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 8.21. – Соҳибкории инноватсионӣ ва рушди он дар соҳаҳои иқтисодиёт ба иҷро расидааст.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Ҳадафи таҳқиқ дар доираи бандҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки дар он ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки дар маҷмӯъ ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва зиндагии шоиста, ҳамзамон ҳифзи иҷтимоии мардум таъмин мегардад, бармеояд.

**4.Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Матлабҳо ва тавсияҳои татқиқот дар 11 кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 3,06 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1,75 ҷузъи чопӣ) инъикос ёфтаанд.

**А). Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М]. Давлатов Н.С. Самтҳои афзалиятноки рушди фазои мусоиди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатов Н.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2024, №3 (53) – С. 88 – 93 ISSN 2308-054X

[2-М]. Муқаддасзода Ф.М., Давлатов Н.С. Баъзе ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккулӣ фазои мусоиди соҳибкорӣ // Муқаддасзода Ф.М. Давлатов Н.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Душанбе – 2022. - №1/4 (104) - С. 131 – 137 (0,4 ҷ.ч) ISSN 2663-5534

[3-М]. Давлатов Н.С. Хусусиятҳои ташаккули фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Душанбе. – 2022. №4/1 (51) – С. 160 – 167 (0,4 ҷ.ч) ISSN 2707-8000

[4-М]. Давлатов Н.С. Баъзе масъалаҳои хусусигардонии амволи давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ аз ташаккули фазои мусоиди соҳибкорию сармоягузорӣ / Н.С. Давлатов // Паёми Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯзи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ.: Душанбе 2020, №2 (70) – С. 147-153. (0,4 ҷ.ч) ISSN 2075 – 9584

[5-М]. Давлатов Н.С. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун омили паст намудани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ / Н.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2019, №2 (27) – С. 57 – 61 (0,3 ҷ.ч) ISSN 2308-054X

[6-М]. Давлатов Н.С. Нақш ва мавқеи соҳибкорӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ / Н.С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2019, №3 (28) – С. 154–160 (0,4 ҷ.ч) ISSN 2308-054X

Б) **интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ.**

[7-М]. Давлатов Н.С. Муаммоҳои ҷараёни хусусигардонии амволи давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ / Н.С. Давлатов // Бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе // Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ. “ДДТТ” (13-14 ноябри соли 2020). - Душанбе, 2020. – С. 111 – 117.

[8-М]. Давлатов Н.С. Фаъолияти соҳибкории муассисаҳои савдо ва афзалиятҳои инкишофи он дар хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики // Международная научно – практическая конференция. – ТГУК (6-7 декабри соли 2019). Душанбе, 2019. – С. 163 – 166.

[9-М]. Икромова М.Н., Давлатов Н.С., Ҳайдарова М.Т. Достижения внешней политики Таджикистана в годы независимости / Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики // Материалы VII международной научно – практическая конференция. – ТГУК (6-7 декабри соли 2019). Душанбе, 2019. – С. 106 – 109.

[10-М]. Давлатов Н.С. Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ яке аз омили паст намудани сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ / Н.С. Давлатов / Развития рынка

финансовых услуг в Таджикистане и Польше // Международной научно – практической конференция. – ТГУК (6-7 декабри соли 2019). Душанбе, – 2019. – С. 106 – 109.

[11-М]. Нурмаҳмадов З.М., Муртазо А.А., Давлатов Н.С. Таъсири пандемияии ковид 19 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Нурмаҳмадов З.М., Муртазо А.А., Давлатов Н.С. / Муамоҳои рушди иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳони пасокоронавирусӣ // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. – ДССХ. Душанбе, - 2021. – С. 18-20.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Точикистон" дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

**6. Саҳми довталаб дар ичрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои таҳкими сиёсати давлатии мусоидат ба ташаккул, такмил ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Давлатов Насимчон Сайдаҳтамович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Точикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ, тақризи роҳбари илмӣ, Муқаддасзода Ф.М., доктори илмҳои иқтисодӣ дотсент, муовини сардори раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дустбоев Ш., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷаев П.Д., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Расулов Ғ. ва н.и.и., дотсент Ҳомидов А.Н, ва н.и.и., дотсент Ҳомидзода Ғ. маҷлиси васеи кафедраи иқтисодиёти чаҳон ва муносибатҳои байналмиллалӣ хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Давлатов Насимчон Сайдаҳтамович

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Точикистон»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.06.06 – иқтисодиёти соҳибкорӣ ҷавобгӯй ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

2. Ба Давлатов Насимҷон Сайдаҳтамович нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси васеи кафедра дар бораи дуруст ба расмият даровaрда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 15 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | 15 нафар |
| зид | нест |
| бетараф | нест |

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи Иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2025, протоколи № 2 қабул шудааст.

Раиси маҷлис: Мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалӣ н.и.и., дотсент — Рустамзода Ф.М

Котиби маҷлис, — Иброҳимзода Г.Х

«Имзоҳои Рустамзода Ф.М. ва Иброҳимзода Г.Х.,- ро тасдиқ мекунам»

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

**Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
**E-mail:**
Телефон: +992(37) 234-83-46